**Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар мавзӯи «Танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) пешниҳод шудааст**

Соҳибкории оилавӣ ҳамчун як намуди фаъолияти иқтисодӣ, объекти танзими ҳуқуқӣ ва таъсири давлат ба субъекти соҳаи ҳуқуқи соҳибкорӣ дохил мешавад, вале он ба муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ асос меёбад. Дар мафҳуми оила бояд як доираи шахсонеро, ки бо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафайн дар соҳаи муносибатҳои шахсии ғайримолумулки ва молумулкӣ алоқамананданд, ки дар асоси хешовандӣ, акди никоҳ, фарзандхонӣ ва дигар далелҳои ҳуқуқие, ки дар асоси муносибатҳои ҳуқуқии оилавӣ ба вуҷуд меоянд, фаҳмида шавад.

Бо табиати ҳуқуқии худ, соҳибкории оилавӣ аксар вақт ҳамчун тиҷорати хурд ва камтар ҳамчун тиҷорати миёна номида мешавад, ки дар сатҳи қонунгузорӣ дар қонуни махсус танзим карда мешавад. Дар қонунгузории дохилӣ низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти соҳибкории хурду миёна ташаккул ёфтааст. Чунин ба назар мерасад, ки таъсири чунин реҷаро ба субъектҳои соҳибкории оилавӣ паҳн кардан мумкин аст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ Рофиева Азиза Ҳамдамовна дар он аст, ки ин таҳқиқот дар асоси мавқеи устувори тадқиқотиву ҳамаҷонибаи муаллиф оид ба масъалаи танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар ҶТ гузаронида шудааст ва барои мукаммал гардонидани қонунгузорӣ дар бахши мазкур як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Нававарии тадқиқот инчунин дар он ифода мегардад, ки то ҳол дар ҶТ масъалаи танзими ҳуқуқии

соҳибкории оилавӣ ба тадқиқоти комплексии монографӣ фаро гирифта нашудааст. Ҳамзамон дар давраи муосир ба омӯзиши танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ бахри коркарди механизмҳои нави ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ талабот вуҷуд дорад. Ин рисола аввалин кори илмие мебошад, ки дар он кӯшиши гузаронидани тадқиқоти комплексии танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ба амал бароварда шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва номгӯи адабиёт (маъхазҳо) иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаро ташкил медиҳад.

Боби якуми диссертатсия – моҳияти ҳуқуқӣ ва иқтисодии соҳибкории оилавӣ ном дошта, дар он масъалаҳои табияти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ ҳамчун самти соҳибкорӣ, низоми воситаҳои ҳуқуқии таъминкунадаи рушди соҳибкории оилавӣ, таҳлили муқоисавии ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар давлатҳои хориҷа мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Дар боби дуюм, ки махсусияти танзими ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои алоҳида ном дорад, муаллиф масъалаҳои ҷанбаҳои ҳуқуқии рушди соҳибкории оилавӣ дар соҳаи комплекси агросаноатӣ, заминаҳоии ҳуқуқии ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкории оилавӣ дар соҳаи сайёҳӣ, мушкилоти ҳуқуқии соҳибкории оилавӣ дар соҳаҳои дигари хоҷагии халқро таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Дар диссертатсия усулҳои умумиилмӣ ва махсуси илмӣ бо назардошти мақсаду вазифаҳои таҳқиқот муайян карда шудааст. Аз ҷумла усулҳои умумиилмӣ, диалектикӣ, функсионалӣ, таҳлили низомнок, пешгӯии илмӣ ва усулҳои мантиқии мушоҳида, таҳлил ва синтез дар диссертатсия истифода шудаанд. Аз усулҳои махсуси илмӣ бошад, усули шаклӣ-мантиқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бештар ба кор бурда шудаанд. Ҳамаи ин ба таъмини самаранокии танзими ҳуқуқии инҳисори табиӣ дар амал нигарнида шудааст.

Нуктаҳои илмӣ ва навгонии илмии дар диссертатсия пешниҳод шуда, моҳиятан дар ҳалли масъалаҳои илмӣ ва амалӣ, инчунин, таҳияи пешниҳоду

тавсияҳо бобати такмил гардонидани қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ дар соҳаи мазкур аҳамияти калон ва беназир доранд. Баҳогузории онҳо аз ҷиҳати илмӣ ва амалӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар маҷмӯъ, автореферати диссертатсияи Рофиева Азиза Ҳамдамовна бо моҳият ва мазмуни хоси илмию амалияш, таъмини мантиқии масъалагузорӣ тариқи риояи пайдарпайии сохторӣ ва дигар самтҳои назаррасу илман асоснокгардидааш сазовори баҳои мусбат мебошад.

Дар автореферат натиҷаҳои асосии таҳқиқоти дисертатсионӣ, аз он ҷумла мазмуни мухтасар ва кофии бобҳо ва зербобҳои диссертатсия дарҷ ёфтаанд. Таҳқиқоти мазкур кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ягонагии дохилӣ ва сатҳи баланди навгонии илмӣ дошта, натиҷаҳои он барои рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва қонунгузорӣ аҳамияти муҳим дорад.

Таҳқиқоти диссертатсионии Рофиева Азиза Ҳамдамовна ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
Муовини аввал, муовини директори
иҷроия оид ба илм, инноватсия ва
муносибатҳои байналмилалии филиали
Донишгоҳи давлатии Москва ба номи
М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе,
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор А.М. Динаршоҳ

**Суроға:** 734003, ш. Душанбе,
кӯчаи Бохтар 35/1.
Тел.: +992 (37) 221-99-02,
E-mail: a.dinorshoh@msu.tj

Имзои А.М. Диноршоҳро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи сиёсати кадрӣ
ва корҳои махсус С.М. Пирназаров
«25» мая 2023 с.